Хулосаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №______
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 27 декабри соли 2023, №19

Барои сазовор донистани Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дар мавзуи "Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия" ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 10 октябри соли 2023, суратмаҷлиси №16 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2022, №128/ шд тасдиқ гардидааст) қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ, 11 октябри соли 1987 дар шаҳри Душанбе дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст. Соли 1994 ба Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №41 шаҳри Душанбе ба синфи якум рафта, соли 2004 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55-ро хатм кардааст. Худи ҳамон сол ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда, соли 2009 онро хатм намудааст. Ҳамзамон, соли 2020 шуъбаи ғоибонаи факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ-ро хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии худро аз моҳи августи соли 2009 дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ ба ҳайси нозир-коргузор оғоз намудааст. Аз моҳи майи соли 2012 дар мақомоти прокуратураи ҶТ ба ҳайси кормӯз дар вазифаи ёрдамчии прокурори ноҳияи Ҳисор (ҳоло шаҳри Ҳисор) ба кор қабул гардида, минбаъд дар мансабҳои гуногуни мақомот фаъолият намуда, айни замон сардори шуъбаи назорати қонунӣ будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии прокуратураи вилояти Хатлон мебошад.

Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ аз 16 ноябри соли 2016 то 02 декабри соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул гардидааст.

Мавзуи диссертатсия – “Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия” дар ҷаласаи Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 24 ноябри соли 2017 №11 тасдиқ карда шудааст. Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласа ва семинарҳои он борҳо муҳокима гардида, ба экспертизаи даври дуюми муассиса тавсия гардидааст (аз 17 феврали соли 2023, суратмаҷлиси №3). Диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 05 апрели соли 2023, суратмаҷлиси №3) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст. Ҳамзамон, диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии (хозира кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии) Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2023, суратмаҷлиси №12 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст.

Роҳбари илмӣ:

Иброҳимов Солеҳҷон Иброҳимович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Диноршоҳ Азиз Мусо – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

Наимов Бобоҷон Ғоибович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дар мавзуи “Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи

Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия” ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ тақризи мусбат доданд.

Муассисаи тақриздиҳанда:

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд). Дар хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар, ки аз ҷониби мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ, н.и.ҳ., дотсент Бобоев А.Х. ва мудири кафедраи ҳуқуқи граждани ва меҳнатӣ, н.и.ҳ, дотсент Санавваров Ғ.Б. (аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ) имзо гардидааст, қайд мегардад, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҳамзамон мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М]** Давлатзода Ф.М. Масоили актуалии муайяннамоии мафҳуми вазъи ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.М. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2018. – №3. – С. 193-198. ISSN: 2413-5151.

**[2-М]** Давлатзода Ф.М. Иштироки прокурор марбут ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.М. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2019. – №5. – С. 208-214. ISSN: 2413-5151.

**[3-М]** Давлатзода Ф.М. Иштироки прокурор дар истеҳсолоти судии маъмурӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон [Матн] / С.И. Иброҳимов, Ф.М. Давлатзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – № 1(29) . – С. 307-318. ISSN 2307 – 5198.

**[4-М]** Давлатзода, Ф.М. Процессуальное положение прокурора в судопроизводстве по разрешению публично-правовых споров в Республике Таджикистан [Текст] / Ф.М. Давлатзода, Н.С. Музафарова // Вестник СПбГУ. – Право. – 2020. – Т. 11. №3. – С. 705-717. **ISSN**: 2074-1243.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[5-М]** Давлатзода Ф.М. Оид ба мафҳуми коррупсия дар идоракунии давлатӣ [Матн] / Ф.М. Давлатзода // Маҷмуаи маводҳои конфронси байналмилалӣ дар мавзуи «Контрол ва назорат дар идоракунии давлатӣ, масоил ва роҳҳои ҳалли он». – Душанбе, 2017. – С. 382-392.

**[6-М]** Давлатзода Ф.М. Мазмуни назорати прокурорӣ ва мувофиқати он ба мафҳуми контрол [Матн] / Ф.М. Давлатзода // Масоили ҳуқуқи давлатӣ дар бунёди Тоҷикистони муосир. Монография. Зери таҳрири. д.и.ҳ., проф. Иброхимова С.И. – Душанбе: «Дониш», 2018. – С. 314-330.

**[7-М]** Давлатзода Ф.М. Некоторые аспекты административно-правового статуса органов прокуратуры Республики Таджикистан [Матн] / Ф.М. Давлатзода // Сборник по итогам конференции «Актуальные проблемы административного, финансового и информационного права в России и за рубежом». – Москва: РУДН, 2019. – С. 106-118. ISBN 978-5-209-09575-0.

**[8-М]** Давлатзода Ф.М. Мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ [Матн] / Ф.М. Давлатзода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «пешвоёни сиёсӣ ва нақши

онҳо дар ҳифзи сулҳ: саҳм дар муқовимат ба терроризм ва экстремизм». Душанбе, 2023. – С. 201-206.

Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

Редкоус В.М. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, корманди пешбари бахши ҳуқуқи маъмурӣ ва мурофиаи маъмурии Муассисаи федеролии давлатии буҷавии илмии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи илмҳои Россия;

Какителашвили М.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи сохтмони давлатӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи прокуратураи Федератсияи Россия;

Иванский В.П. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳукуки маъмурӣ ва молиявии Институти ҳуқуқшиносии Донишгоҳи дӯстии халқҳои Россия ба номи П. Лумумба;

Қиёмидинов С.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мушовири директори генералӣ-сардори шуъбаи аудити дохилии Ҷамъияти саҳомии кушодаи “НБО Роғун”;

Каримов Ҳ.М. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисодии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснок дошта, манзур гардидаанд. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба хусусиятҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура, Равишҳои консептуалӣ оид ба муайян намудани ҷойгоҳи прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муносибатҳои ҳуқуқии мартабавӣ (субординатсионӣ) – итоат ва иҷро дар низоми мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таносуби фаъолияти функсионалӣ ва идоракунии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хизмати давлатӣ дар низоми мақомоти прокуратураи Тоҷикистон ва монанди ин масъалаҳоро фаро мегиранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда алоқамандии зич доранд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

– мафҳуми  вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура муайян карда шудааст;

– ҷойгоҳ ва нақши мақомоти прокуратура дар низоми ҳокимияти давлатӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст;

– мазмуни муосири назорати прокурорӣ ва таносуби он ба мафҳуми «назорат»-и иҷрои қонунҳо муайян карда шудааст;

– мафҳуми муаллифии хизматчии мақомоти прокуратура асоснок ва муайян карда шудааст;

– таносуби фаъолияти функсионалӣ ва идоракунии мақомоти прокуратура мавриди таҳлил қарор дода шудааст;

– санадҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва идоракунии мақомоти прокуратура мавриди таҳлил қарор дода шудааст;

– таҳқиқи ҷанбаҳои мурофиавии вазъи прокурор дар пешбурди судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

– паҳлуҳои дигари вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура таҳлил гардида, норасоиҳо ошкор ва роҳҳои бартараф намудани онҳо пешниҳод карда шудааст.

Як қатор мафҳумҳо дар рисола коркард гардида, таклифҳои алоҳида бобати тағйири моддаҳои дахлдори қонунгузории танзимкунандаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардидаанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки:

– маводи рисолаи диссертатсионӣ донишҳои илмиро дар самти омӯзиш ва таҳлили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура мукаммал гардонида, барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамояд;

– натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳад, ки вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура такмил дода шуда, камбудиҳои ҷойдошта дар сатҳи қонунгузорӣ бартараф карда шаванд;

– бобати такмили минбаъдаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи ҶТ мусоидат менамояд.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва хусусии идроки илмӣ, аз ҷумла усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мушаххасӣ-сотсиологӣ ва ғ. ба таври васеъ истифода карда шудааст.

Ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии осори олимон ватанию хориҷӣ ба монанди Имомов А.И., Диноршоҳ А.М., Исмоилзода С.А., Иброҳимов С.И., Раззоқов Б.Х., Ойев Х.О., Ғафурзода А.Д., Соибов З.М., Марифхонов Р.Н., Бахрах Д.Н., Витохина Д.М., Зеленская Л.А., Мелкумов В.Г., Старилов Ю.Н., Стрелников В.В., Смирнов А.Ф., Сухинин А.А., Тихомиров Ю.А., Шалумов М.С. ва дигарон дар раванди таҳияи диссертатсия омӯхта шудаанд.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастомадаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

– нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории маъмурии кишвар дар самти такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура саҳмгузор бошанд;

– натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таълими фанҳои “Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ҳамзамон, ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ дар донишгоҳҳои олии касбӣ ва курсҳои такмили ихтисос ба роҳ монд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон додаанд, ки:

– нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ҳуқуқи маъмурӣ, махсусан вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамоянд;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳои асарҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии давлатҳои хориҷӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳҳеҳона ва мусбии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин менамоянд;

– натиҷаҳои илмӣ, тавсия ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илми ҳуқуқи маъмурӣ пазируфташуда мазмуни ва моҳияти махсуси худро дошта, навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд;

– навгонӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, инчунин такмили минбаъдаи низоми мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра метавонанд мусоидат намоянд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгониҳои диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тасдиқ мегарданд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 27 декабри соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ, аз 11 нафар аъзо, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08 апрели соли 2022, №128/ шд тасдиқ гардидааст, 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктории илм 3 нафар ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар маҷлис иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, блютенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Ғафурзода А.Д.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Рустамзода Ҷ.Ю.**

**27 декабри соли 2023**